# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «04» 05 соли 2026 № 143/уи ш. Душанбе

## Дар бораи додани унвони илмии дотсент

Мутобиқи сархати ҳаждаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 ва бандҳои 2, 4, 5, сархати якуми банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дарёфти унвони илмӣ тибқи рӯйхат (се нафар) шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Мастонаи Сайдализод) шаҳодатномаҳои намунаи давлатии унвони илмиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ализода Ҳокимхон) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2026, №5

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «04» 05 соли 2026, № 143/уи

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии дотсент, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмӣ дода мешаванд

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаб | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии дотсент ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Исматуллозода Парвина Раҷабалӣ | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Забоншиносӣ» |
| 2. | Шамшоди Ҷамшед | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Адабиётшиносӣ» |
| 3. | Назриев Исмоил Абдуллоевич | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Санъат» |